# ФАРМОНИ
## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**№776** **аз 12.11.2016**

### Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пурзӯр намудани муқовимат ба экстремизм ва терроризм ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Нақшаи амалҳо доир ба амалишавии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад (замимаи 2).

3. Мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот:

- ҷиҳати иҷрои чорабиниҳои дар Нақшаи амалҳо доир ба амалишавии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 пешбинишуда нақшаҳои дохилиидоравӣ таҳия ва тасдиқ намуда, ҷиҳати дарки моҳият ва мақсади ҳуҷҷати барномавии мазкур корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни ҷомеа ба роҳ монанд;
- оид ба иҷрои Нақшаи амалҳо доир ба амалишавии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 15 январи ҳар сол ахбор пешниҳод намоянд;
- вазорату идораҳое, ки дар Нақшаи амалҳо ҳамчун иҷрокунандаи аввал нишон дода шудаанд, ҳангоми зарурат бо мақсади иҷрои сифатнок ва саривақтии чорабиниҳо гурӯҳҳои кории байниидоравӣ ташкил намоянд.

4. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи ҷамъбасти ҳолати иҷрои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 на дертар аз 15 феврали ҳар сол ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12.11.2016,
№ 776

# Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020

## Муқаддима

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ ба пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа, муборизаро дар ин самт пурзӯр менамояд.

2. Созмонҳои экстремистию террористӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мехоҳанд сохти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд.

3. Таҷрибаи байналмилалӣ ва ватании муқовимат бо экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин ҷода таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯии ба бартараф намудани омилҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии фаъолшавии онҳо равонашударо тақозо менамояд.

4. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 (минбаъд - Стратегия), ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян менамояд.

5. Мақсадҳои Стратегия инҳо мебошанд:

- таҳлили омилҳо ва тамоюлҳои экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм ҷиҳати ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ;

- такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, инчунин амалияи муқовимат бо тундгароӣ, экстремизм ва терроризм;

- мусоидат ба ташаккули меъёрҳои тафаккур ва рафтори таҳаммулгароёна, ҳамдигарфаҳмии динӣ ва байнимазҳабӣ дар ҷомеа;

- муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ доир ба пешгирӣ намудани паҳншавии ғояҳо ва фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ;

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои мақомоти ваколатдор оид ба пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм, терроризм, нашъаҷаллобӣ, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ки барои маблағгузории экстремизм ва терроризм хизмат мекунанд;

- такмил додани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм.

6. Стратегия дар асоси Конститутсия, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳия шудааст.

## БОБИ 1. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

### § 1. Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс

7. Шарти муҳими таъмини суботу ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, рафтори қонунии шаҳрвандон ва ба ин восита пешгирӣ намудани рӯҳияи тундгароӣ, ташаккул додани

фарҳанги волои сиёсии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс маҳсуб меёбад.

8. Сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа аз рӯи мутобиқати арзишҳои ҳуқуқӣ ба арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ, дараҷаи рушди низоми ҳуқуқӣ, вазъи адолати судӣ, тарзи ҳамкориҳо миёни мақомоти давлатию аҳолӣ ва ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа муайян карда мешавад.

9. Фарҳанги ҳуқуқии шахси алоҳида сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ, аз худ кардани маҳорати рафтор тибқи қонун, саводнокӣ ва огоҳмандии ҳуқуқии ӯро дар бар мегирад.

10. Ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар мақоми ҳуқуқии устувору босубот доштани шахс ва мавҷудияти низоми кафолатҳои ҳуқуқии амалӣ намудани он, ки имконияти ҳифзи боэътимоди ӯро аз амалҳои ғайриқонунии ба ӯ зиёнрасонанда таъмин менамоянд, зоҳир мегардад.

11. Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар Тоҷикистон заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ташаккул дода шуда, дар ин самт санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд.

12. Дар раванди таҳкими заминаҳои ниҳодии ҳифзу ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2008 ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва соли 2016 бошад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуда, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ислоҳоти милитсия ва адвокатура бомуваффақият идома доранд.

13. Роҳбарияти мамлакат коррупсияро ҳамчун монеа дар роҳи амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон арзёбӣ намуда, ба такмили ниҳодҳо, таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои давлатии мубориза бо коррупсия ва ҷалб намудани аҳли ҷомеа ба мубориза бо он таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамояд.

14. Дар баробари ин, бо сабаби ҳанӯз анҷом наёфтани раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа дар пояи зарурӣ қарор надошта, низоми меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ ба боз ҳам бештар ҳамоҳанг намудан бо стандартҳои байналмилалӣ ва арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ ниёз дорад.

15. Вобаста ба ин, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тақвияти ҳифзи

иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс бояд ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати пешгирӣ ва мубориза бар зидди экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда арзёбӣ гарданд.

16. Расидан ба ин ҳадаф амалӣ намудани тадбирҳои зеринро тақозо менамояд:

- боз ҳам бештар мутобиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои маънавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ тавассути мубодилаи афкор ва таҷриба бо дигар давлатҳо, инчунин ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои такмили қонунгузорӣ ва амиқ гардонидани ислоҳоти ҳуқуқӣ ҷиҳати тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс;

- мусоидат намудан ба баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ, аз худ намудани малакаи рафтори қонунӣ ва огоҳмандии шаҳрвандон аз оқибатҳои рафтори зиддиҳуқуқӣ;

- таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандон дар ҳама мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилот, корхона ва муассисаҳо;

- баланд бардоштани ҷанбаҳои инсондӯстонаи қонунгузории ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷиҳати тақвияти кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқҳои шахс;

- такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла баррасии саривақтӣ ва холисонаи арзу шикоятҳо дар раванди баамалбарории фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ, таҳқиқу тафтиш ва баамалбарории адолати судӣ.

17. Бояд ҳамзамон дар назар дошт, ки Шӯрои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид дар қатъномаи худ «Ҳуқуқи инсон ва пешгирию мубориза бо экстремизми зӯроварона» аз 2 октябри соли 2015, №30/15 ба давлатҳо тахия ва амалӣ намудани тадбирҳои мубориза бо терроризмро дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуқуқи башардӯстӣ, қонунҳо дар бораи гурезагон ва ҳуқуқи инсон тавсия дода, ҷиҳати иҷрои онҳо андешидани тадбирҳоро тақозо мекунад.

## § 2. Бартараф намудани омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда

18. Шароитҳои ногувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, надоштани имконияти амалӣ намудани қобилият ва эҳсоси навмедӣ дар давлатҳои мухталиф метавонанд ба ташаккули рӯҳияи экстремистӣ ва баланд шудани сатҳи тундгароӣ дар ҷомеа замина фароҳам оранд.

19. Нақши омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бахусус дар шароити иқтисодиёти даврони гузариш, ки дар он қисмати норозии аҳолӣ аз натиҷаҳои марҳилавии ислоҳоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ мумкин аст ба даъватҳои экстремистӣ ба осонӣ дода шавад, метавонад афзоиш ёбад.

20. Ҷомеаи имрӯзаи ҷумҳурӣ гузаришӣ ва баъдибуҳронӣ маҳсуб меёбад, ки ба он номутобиқатии иҷтимоӣ-иқтисодии қисми аҳолӣ бар асари тағйир ёфтани айниятҳои иҷтимоию фарҳангӣ, стандартҳои ҳаёт ва ба табақаҳо ҷудошавӣ аз лиҳози сатҳи даромадҳо хос мебошад.

21. Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти худ ба комёбиҳои назаррраси иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши бисёркаратаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ҳаҷми буҷети давлатӣ, сохтмони манзил, миқдори ҷойҳои корӣ ва сатҳи даромадҳои аҳолӣ ноил гардида, сатҳи камбизоатӣ дар ин давра аз 81 фоиз ба 32 фоиз поён фароварда шуд.

22. Дар баробари ин, ҳанӯз ҳам баъзе мушкилиҳое, ки ба рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мамониат мекунанд, боқӣ мондаанд.

23. Ин мушкилиҳо аз бисёр ҷиҳат ба буҳрони молиявии ҷаҳон, ки боиси пастравии истеҳсолот, коҳиш ёфтани воридшавии маблағҳои пулӣ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ, пайдоиши норасоии буҷети давлатӣ ва нокифоягии захираҳои молиявӣ барои амалӣ намудани барномаҳои иҷтимоӣ гардидааст, вобаста мебошанд.

24. Ҳамзамон ба андозаи зарурӣ мувофиқат накардани низоми идоракунӣ ба шароитҳои иқтисоди бозорӣ, инчунин дахолати барзиёди мақомоти назоратӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба назар мерасад.

25. Паст намудани сатҳи номутобиқатии иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ пешбурди сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодиеро

тақозо менамояд, ки ба баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва сатҳи фарҳангии аҳолӣ, ташаккули ангеза барои интихоби тарзи ҳаёти солим ва созанда, таъмини имконияти мутобиқшавӣ ва иштироки табақаҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, муайян ва бартараф намудани омилҳои номутобиқатии иҷтимоӣ ва ғайра равона шуда бошад.

26. Дар робита ба ин зарур аст, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ дар ин давра ташаккули иқтисоди бозории тамоюли иҷтимоидошта, ки болоравии иқтисодиёт ва сатҳи некӯаҳволии аҳолиро дар асоси баланд бардоштани самаранокии истифодаи сарватҳои миллӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар таъмин менамояд, ҳисобида шавад.

## § 3. Ташаккули андешаи миллӣ ва пурзӯр намудани корҳои мафкуравӣ

27. Мавҷудият ва амалан татбиқ шудани андешаи миллии муттаҳидкунанда муҳимтарин шарти ҳифзи ваҳдати миллӣ, бақои давлатдории миллӣ ва бунёди садди устувор дар роҳи вуруд ва паҳншавии ғояҳои тундрав маҳсуб меёбад.

28. Аз бисёр ҷиҳат, маҳз фазои холигии ғоявии дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ бамиёномада ва ҳанӯз рӯи кор наомадани мафкураи нави миллӣ дар Тоҷикистони пасошӯравӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта боиси ба ҷомеа ворид гардидани мафкураи зӯроварӣ гардида, пояҳои ваҳдати миллиро хароб ва ҷомеаро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашонда буд.

29. Дар даврони кунунӣ таҳдиди навин ба ваҳдати миллӣ ва рушди устувори давлатдории миллӣ раванди ҷаҳонишавии созмонҳои тундгарои динӣ мебошад, ки нақшаи бунёди давлати ягонаи теократиро доранд.

30. Ба шароитҳои муосир мафкураи миллие мувофиқ хоҳад буд, ки ба принсипҳои ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ ва анъанаҳои маънавию ахлоқии халқи тоҷик асос ёфта бошад.

31. Дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик чунин меъёрҳои бунёдӣ барои таҳияи андешаи миллӣ, аз қабили ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ, рушди

иқтисодӣ, рушди баробари минтақаҳо, тантанаи қонуният ва адолати иҷтимоӣ, рушди фарҳанги миллӣ ва ғайра аллакай коркард шудаанд.

32. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдори давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва тадқиқотии кишварро мебояд перомуни унсурҳои асосӣ, тартиби таҳия, қабул ва роҳҳои татбиқи андешаи ягонаи миллӣ дар доираҳои илмӣ ва аҳли васеи ҷомеа мубоҳисаҳо баргузор намоянд.

33. Ҷанбаи муҳими муқовимат бо экстремизм ва тундгароии батерроризмбарандаро ташаккули корпуси неруманди мафкуравӣ ва тарзу усулҳои ба таҳдидҳои мавҷуда мувофиқи кори мафкуравӣ ташкил медиҳад.

34. Таҳқиқоти дар раванди омодагӣ ба таҳияи Стратегияи мазкур гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сатҳи корҳои иттилоотиву маърифатӣ, таълимӣ ва мафкуравӣ дар самти муқовимат бо мафкураи тундгароӣ ва экстремизм дар кишвар тақвиятталаб мебошад. Аз ҷумла:

- фаъолияти ҳамоҳангшуда ва мақсаднок доир ба пешгирии маҷмӯии тундгароӣ ва экстремизм ҳанӯз ба таври дахлдор ташаккул наёфтааст;

- мутахассисон дар соҳаи муқовимати иттилоотӣ бо экстремизм ва терроризм намерасанд;

- донишҳои кормандони сохторҳои мафкуравии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба моҳияти экстремизм ва чораҳои муқовимат бо он дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд;

- норасоии маводи иттилоотӣ ва роҳнамо доир ба созмонҳои экстремистию террористӣ, инчунин воситаҳои аёнии ташвиқу тарғиб мушоҳида мегардад;

- нақши воситаҳои ахбори омма дар пешгирию огоҳонии экстремизм, инчунин инъикоси фаъолияти зиддиэкстремистию зиддитеррористии мақомоти давлатӣ кофӣ нест.

35. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷиҳати ташаккули корпуси нерумандии мафкуравӣ, таҳкимбахшии иқтидори он дар пешгирии тундгароӣ ва экстремизм, омода намудани мутахассисон дар соҳаи муқовимати иттилоотӣ бо экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани нақши пешгирикунандаи воситаҳои ахбори омма ва таъмини

ниҳодии пешбурди корҳои таҳлилӣ, иттилоотӣ ва ташвиқотӣ дар ин самт чораҳои муассир андешида шаванд.

## § 4. Пешгирии экстремизм ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ

36. Муҳити динӣ бар асари омилҳои гуногун аз лиҳози паҳншавии мафкураи тундгароӣ ва назариёти экстремистӣ аз ҳама бештар осебпазир мебошад.

37. Омилҳои мусоидаткунанда ба тундгаро шудани муҳити динӣ мухолифатҳои назариявии дохилимазҳабӣ, ба қутбҳо ҷудошавии он бар асари ворид шудани исломи ғайрианъанавии сиёсӣ, донишҳои нокифояи динии аҳолӣ шуда метавонанд.

38. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини озодиҳои динӣ, баланд бардоштани маърифати динии аҳолӣ ва ташаккули асли таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

39. Озодии виҷдон ва эътиқод, ҳуқуқи мустақилона муайян намудани муносибат ба дин, алоҳида ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намудан ва дар маросим ё оинҳои динӣ иштирок намудан дар қатори дигар ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, тибқи Конститутсия ҳамчун арзиши олӣ эътироф карда шуда, бо кафолатҳои конститутсионӣ таъмин шудаанд.

40. Ҷиҳати таъмини шароит барои ба даст овардани таҳсилоти динӣ ва озодона ба амал баровардани расму оинҳои динӣ тадбирҳои муассир андешида мешаванд.

41. Айни ҳол дар мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин 4006 иттиҳодияи динӣ, аз ҷумла Маркази исломии ҷумҳуриявӣ, 48 масҷиди ҷомеи марказӣ, 326 масҷидҳои ҷомеъ, 3551 масҷидҳои панҷвақта, 2 Кумитаи рушди ҷамоатхонаҳои шиаи имомии исмоилӣ, 70 ташкилоти динии ғайриисломӣ, 1 ҷамоаи динии ғайриисломӣ ва 6 муассисаи таълимии исломӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки муътадил фаъолият намуда, эҳтиёҷоти эътиқодии аҳолиро қонеъ карда истодаанд.

42. Дар ҳоле ки солҳои аввали истиқлолияти кишвар миқдори ҳоҷиён ҳар сол ҳамагӣ 550 нафарро ташкил медод,

ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 6 ҳазор нафар расида, даҳ маротиба нисбати солҳои пешин афзудааст.

43. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни ҳол дар муҳити динии ҷомеаи тоҷик омилҳои ҳам мамониаткунанда ва ҳам мусоидаткунанда ба паҳншавии мафкураҳои тундравона вуҷуд доранд.

44. Яке аз омилҳои асосии мамониаткунанда ба паҳншавии равияҳои тундравонаи исломӣ пайравии зиёда аз 97 фоизи мусулмонони кишвар ба мактаби мазҳабӣ-ҳуқуқии аз ҳама бештар таҳаммулгаро ва созишпарвар – мазҳаби ҳанафӣ мебошад, ки он имкони ҳамзистии осоиштаи мазоҳиби гуногун ва анъанаҳои мардумиро фароҳам меорад.

45. Бар асари тундгароӣ ва экстремизм ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидани кишвар низ ба вусъати минбаъдаи ин зуҳурот мамониат менамояд. Азобу машаққат ва дарду алами дар солҳои ҷанги бародаркуш азсаргузаронидаи мардум исломи сиёсиро дар назари онҳо беэътибор намуда, ҷаззобияти ғояҳои муборизаро барои «исломи тоза» коҳиш дод.

46. Чунонки аз тадқиқоти сотсиологии дар раванди омодагӣ ба таҳияи Стратегияи мазкур гузаронидашуда бармеояд, аксарияти томи аҳолӣ ғояҳои созмонҳои тундгаро ва экстремистиро дастгирӣ накарда, онҳоро омили бесуботкунанда ва барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон хатарнок арзёбӣ мекунанд.

47. Заминаи имконпазири афзоиши сафҳои тундгароён ва ифротиёнро дар ҳозира асосан ҷавонони 18-27сола, ки ба дараҷаи камолоти иҷтимоӣ ва пайдо кардани таҷрибаи ҳаётӣ ва касбӣ нарасида, бар асари заиф будани принсипҳо ва ақидаҳои ахлоқиашон метавонанд ба осонӣ фирефта шаванд, инчунин шахсони ба содиркунии ҷиноят майлдошта, ташкил медиҳанд.

48. Шарти муҳими пешгирии тундгароӣ дар муҳити динӣ бартараф намудани низоъҳо ва таъмини ҳамдигарфаҳмӣ дар он мебошад.

49. Таҳлили вазъи муҳити динӣ нишон медиҳад, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ метавонанд ба низои байни меъёрҳои анъанавии исломӣ ва арзишҳои ғайрианъанавии аз берун таҳмилшаванда оварда расонанд.

50. Аз ҷумла, шахсоне, ки аз таҳсил дар баъзе муассисаҳои таълимии динии ғайрирасмӣ, маъруфнабуда ва шубҳаноки кишварҳои хориҷӣ бармегарданд, дар қатори донишҳои касбӣ дар соҳаи илоҳиёт ба муҳити динии Тоҷикистон афкор ва таълимоти тундраву ба ҳам душманонаро ворид месозанд.

51. Давлат барои ҳифзи сулҳу осоиш дар ҷомеа масъул буда, наметавонад ба тамоюлҳои дар муҳити динӣ шаклгиранда, ки на танҳо ба осоиши худи ин муҳит, балки дар маҷмӯъ ба амнияти давлатӣ таҳдид эҷод мекунанд, бетарафона наззора намояд.

52. Дар робита ба ин зарур аст, ки ба сифати самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар муҳити динӣ инҳо муайян карда шаванд:

- таҳияи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин;
- таъмини ҳамдигарфаҳмӣ ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ;
- пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар заминаи мухолифатҳои байнимазҳабӣ;
- дастгирии рӯҳониёни муътадил дар мубориза онҳо бо равияҳои тундгаро;
- ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон, роҳ надодани монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои динӣ ё анҷоми маросимҳои динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон накунанд ва ба ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз накунанд.

53. Дар ин ҷода ҷалб намудани рӯҳониён ба пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар байни дигар табақаҳои аҳолӣ низ муҳим мебошад.

## § 5. Огоҳонӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон

54. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани сифати таълим, ташкили шароит барои фароғат ва ҳал намудани мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷавонон диққати калон медиҳад.

55. Дар солҳои истиқлолият теъдоди муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар се маротиба,

миқдори донишҷӯён, инчунин номгӯи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо мутахассис тайёр карда мешавад, чор маротиба афзудааст.

56. Ҷиҳати таъмин намудани шаффофият, шароитҳои баробар, адолати иҷтимоӣ ва пешгирии коррупсия ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз соли 2014 қабули хонандагон ва донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии мазкур тавассути имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шудааст.

57. Бо мақсади таъмини фароғати ҷавонон дар панҷ соли охир 19 варзишгоҳ, 620 майдончаи варзишӣ, 110 толори варзиш, 11 ҳавзи шиноварӣ ва 9 маҷмааи варзишӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд. Ба ғайр аз ин, 2700 майдончаи варзишӣ, 635 толори варзиш, 14 ҳавзи шиноварӣ ва 5 маҷмааи варзишӣ таъмир ва тармим карда шудаанд.

58. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат 2 ноябри соли 2012 Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 тасдиқ карда шуда, дар чаҳорчӯби он теъдоди зиёди лоиҳаҳо оид ба таъмини ҷойи кор, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди имкониятҳои иҷтимоӣ ва мустақилияти иқтисодии ҷавонон амалӣ карда шуданд.

59. Дар баробари ин, чораҳои андешидашуда айни ҳол дар пешгирии тундгароии ҷавонон самараи дилхоҳ надодаанд.

60. Насли ҷавон, ки даҳшат, вазнинии тоқатфарсо ва маҳрумиятҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-умро аз сар нагузаронидааст, дар сурати таҳти таъсиррасонии шадиди унсурҳои ифротгаро қарор гирифтан, метавонад зӯровариро ҳамчун воситаи худнишондиҳӣ бипазирад, ки тамоюли зиёдшавии сатҳи шомил шудани ҷавонон ба созмонҳои экстремистию террористӣ аз ин гувоҳӣ медиҳад.

61. Зарфиятҳои соҳаи маориф оид ба огоҳонидани мафкураи тундгароӣ ва тарбияи асли таҳаммулгароӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон ба андозаи кофӣ истифода намешавад.

62. Ба огоҳонидан аз тундгароӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон мебояд аз синну соли томактабӣ ва мактабӣ, ки

дар замири кӯдак ҳисси муҳаббат ба Ватан ва ватанпарастӣ ташаккул меёбад, машғул шуд. Дар мактабҳо бояд фанҳое омӯхта шаванд, ки мактаббачагонро дар рӯҳияи эҳтиром ба инсон ҳамчун шахсият, новобаста аз мансубияти миллӣ ё мазҳабии ӯ тарбия намуда, шароит фароҳам оварда шавад, ки кӯдакон тавонанд ба селоби иттилооти манфӣ вокуниши дуруст нишон дода, аз таъсири он худро ҳифз намоянд.

63. Зарур аст, ки ҳамин гуна чорабиниҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ роҳандозӣ карда шаванд.

64. Яке аз омилҳои асосии ба доми созмонҳои тундгаро афтодани ҷавонон - ин муқаррароти воқеии манбаҳои дини ислом, бахусус ғояҳои инсондӯстонаи мазҳаби ҳанафиро нафаҳмидан ва ба ғояҳои ба мардуми мо бегонаи равияҳои динӣ шавқ пайдо кардани онҳо мебошад. Дар ҷустуҷӯи донишҳои динӣ ҷавонон ба шахсони шубҳаноки пинҳонкор, Интернет ва дигар манбаъҳои иттилоот рӯй оварда, дар он ҷо ба доми унсурҳои ифротгаро меафтанд.

65. Аз ин лиҳоз, ба хотири он, ки ҷавонон тавонанд исломи аслро аз тундгароии исломӣ фарқ намоянд, баланд бардоштани нақши низоми маориф дар таълими асосҳои дин зарур мебошад.

66. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти томи шахсони ба ташвиқоти созмонҳои экстремистӣ додашуда таҳсилоти миёнаи умумӣ доранд, ки ин аз нокифоягии на танҳо донишҳои динӣ, балки дар маҷмӯъ сатҳи таҳсилоти онҳо гувоҳӣ медиҳад.

67. Бинобар ин, зарур аст, ки масъалаи такмили стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати ба ҷавонписарону духтарон фароҳам овардани шароит барои ба даст овардани сатҳи донишҳои ба талаботи замони муосир ҷавобгӯе, ки сарфаҳм рафтани онҳоро ба равандҳои сиёсӣ, механизмҳои пайдоиши низоъҳои ҷамъиятӣ ва мазҳабӣ, моҳияти ғояҳо ва шиорҳои аз ҷониби неруҳои гуногун ироашаванда имконпазир намояд, баррасӣ карда шавад.

68. Яке аз ҷанбаҳои осебпазири соҳаи маориф, ки дар ҳолатҳои муайян метавонад ба норозигии ҷавонон мусоидат намояд, ин ташкили қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад.

69. Бинобар ин, ба Маркази миллии тестӣ зарур аст, ки корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳиро оид ба хусусияти низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ пурзӯр намуда, шаффофият ва беғаразии имтиҳонҳоро таъмин ва механизми шикоят овардан аз болои қарорҳоро аз натиҷаи имтиҳонҳо ва тақсимоти довталабон ба муассисаҳои мушаххаси таълимӣ муайян намояд.

70. Шарти муҳими пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар байни ҷавонон сафарбаркунии худи онҳо ба корҳои огоҳонӣ бо ҳамсолони худ мебошад.

71. Дар робита ба ин зарур аст, ки самаранокии фаъолият ва сатҳи донишҳои аъзои гурӯҳҳои дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисдодашуда оид ба огоҳонии экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон баланд бардошта шавад.

72. Тақвияти муқовимат бо тундгароии ҷавонон инчунин андешидани тадбирҳои иловагиро ҷиҳати кам кардани сатҳи бекорӣ ва беҳтар намудани шароитҳои фароғат барои ҷавонон тақозо менамояд.

## § 6.Ҷанбаҳои гендерӣ

73. Дар пешгирии тундгароӣ ва экстремизм ба инобат гирифтани нақши гендер, яъне интизориҳои иҷтимоӣ нисбати рафторе, ки барои мард ва зан муносиб дониста мешавад, аҳамияти зиёд дорад.

74. Пурра рушд наёфтани имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои занон ва норозӣ будан аз мавқеи худ дар ҷомеа низ омили мусоидаткунанда ба ҳассосияти занон нисбати даъватҳои экстремистӣ маҳсуб меёбад.

75. Аксар ҷавонзанон ва духтарон аз андоза зиёд зудбовар ва таъсирпазир буда, ҳиссиёти нокифояи худмуҳофизаткунӣ, эҳсоси хатар, эҳтиёткорӣ дар муоширaт бо атрофиён ва ҳаяҷон дар ҳолати таҳоҷуми экстремистӣ доранд, ки ин осебпазирии онҳоро аз ташвиқоти экстремистӣ меафзояд.

76. Созмонҳои террористӣ ба сафҳои худ бештар занонро аз гурӯҳҳои осебпазир ва бо хешовандону

атрофиёнашон мушкилидоштаро бо ваъдаи озодӣ, баробарӣ, ташкили оилаи нав, рифоҳи моддӣ ва ғайра ҷалб менамоянд.

77. Вобаста ба ин, сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини баробарии гендерӣ мебояд барои боз ҳам таҳким бахшидан ба масъалаҳои фароҳам овардани шароитҳои баробар барои худамалисозии шахсият дар ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ, новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ ва нақши занон дар ҳаёти ҷомеа, инчунин таъмини баробарии мардон ва занон дар муносибатҳои оилавӣ равона карда шавад.

78. Зарур аст, ки ба баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ, аз байн бурдани омилҳои вобастагии равонии занон, ҷазбкунии онҳо аз ҷониби хешовандони наздик ва унсурҳои ифротгаро, пешгирии тундгароӣ ва экстремизм дар муҳити занон диққати махсус дода шавад.

79. Бениҳоят муҳим аст, ки дар ин раванд иштироки ҳамаҷонибаи худи занон ба сифати таҳиякунандагони сиёсат, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муаллимон, аъзои ҷамоаҳо ва фаъолон таъмин карда шавад.

## § 7. Муқовимат ба истифодаи Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ

80. Технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус шабакаи Интернет омили стратегие мебошанд, ки ташкилотҳои террористӣ ва ҷонибдоронашон аз онҳо ҷиҳати пешбурди ташвиқоти густурдаи экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои экстремистӣ ва террористӣ истифода мебаранд.

81. Таҳқиқи фазои иттилоотии Тоҷикистон аз афзоиши сатҳи истифодабарии Интернет ҷиҳати паҳн намудани ғояҳо ва даъватҳои экстремистию террористӣ гувоҳӣ медиҳад.

82. Айни ҳол дар Тоҷикистон қариб 3 миллион муштариёни шабакаи Интернет мавҷуд буда, зиёда аз 80 фоиз онҳо ҳадафмандона ё ғайриихтиёр тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба маводи дорои хусусияти экстремистӣ дастрасӣ пайдо менамоянд.

83. Мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муайян ва манъ намудани пахши сомонаҳои тарғибкунандаи маводи экстремистӣ корҳои муайянеро ба сомон расонидаанд.

84. Дар баробари ин, зарур аст, ки вобаста ба истифодаи имкониятҳои Интернет ҷиҳати пешбурди фаъолияти васеъ оид ба аксуламалҳои тарғиботӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд. Аз ҷумла:

- таъсиси сомонаҳо оид ба пешбурди аксуламалҳои тарғиботӣ, ки барои аҳолӣ, хусусан ҷавонон маводи дастрас ва фаҳмои шарҳдиҳандаи зиддиэкстремистиро нашр мекунанд, ҷоннок карда шавад;
- имконияти иштирок дар муҳокимаҳои мустақими видеонаворҳо, аксҳо ва дигар тавлидоти созмонҳои экстремистӣ, ки дар онҳо метавон тавассути ибрози нигоҳи муқобил ё роҳандозӣ намудани мубоҳисаҳои созанда ҷонибдорони имконпазири ифротгароён ва террористонро аз фикрашон баргардонад, бештар истифода бурда шавад;
- ҷиҳати омода намудани кадрҳои баландихтисос доир ба пешбурди ҷанги иттилоотӣ ва мафкуравӣ дар шабакаи Интернет чораҷӯӣ карда шавад;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои муқовимат аз истифодабарии Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ такмил дода шаванд.

## § 8. Кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ

85. Дар шароити афзоиши босуръати аҳолии қобили меҳнат ва имкониятҳои муваққатан маҳдуди таъмини захираҳои меҳнатӣ бо ҷойҳои корӣ дар мамлакат, муҳоҷирати меҳнатӣ омили муассири таъмини аҳолӣ бо шуғл, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, инчунин таъмини суботи иҷтимоӣ гардидааст.

86. Мутобиқи омори расмӣ айни ҳол наздик ба 700 ҳазор шаҳрванди кишвар ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар кору фаъолият доранд.

87. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои будубоши худ таҳти хатари зиёди тундгаро шудан ва ба сафҳои ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ ҷалб гардидан қарор доранд.

88. Аз ин рӯ, бо мақсади бартараф намудани шароитҳое, ки ба тундгароии муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалбкунии онҳо ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ мусоидат менамоянд, зарур аст, ки ҷиҳати бастани созишномаҳо бо давлатҳои будубоши муҳоҷирон оид ба беҳтар намудани шароитҳои будубоши онҳо, тақвият бахшидани зарфиятҳои ташкилӣ ва кадрии муассисаҳои консулӣ ва хадамоти муҳоҷират дар хориҷа, беҳтар намудани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мудофеи ҳуқуқ, ҷамъиятҳои тоҷикон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти муҳоҷирати кишварҳои будубош оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва пешгирии ҷазбкунии онҳо аз ҷониби созмонҳои экстремистӣ, инчунин хубтар намудани сифати омодагии томуҳоҷиратии шаҳрвандон тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

## § 9. Пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ ва тундгароӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ

89. Муассисаҳои ислоҳӣ низ вобаста ба хусусиятҳои худ аз хавфи паҳншавии экстремизм ва тундгароӣ осебпазир мебошанд.

90. Манбаъҳои паҳнкунии ақидаҳои тундгароӣ ва рӯҳияи экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистон шахсони барои фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ маҳкумшуда мебошанд, ки бо ҳамсафони дар озодӣ будаи худ робитаашонро нигоҳ дошта, иҷрои супоришҳои онҳоро оид ба пешбурди фаъолияти тарғиботӣ ва ҷазбкунии маҳкумшудагон ба сафи ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ идома медиҳанд.

91. Ба чунин ҳолат аз бисёр ҷиҳат омили дар муассисаҳои ислоҳии шакли лагерӣ якҷоя адои ҷазо намудани маҳкумшудагони ба фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ дахлдошта бо шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои умумӣ маҳкумгардида мусоидат менамояд.

92. Муассисаҳои ислоҳии айни ҳол амалкунанда ба талабот оид ба амнияти техникӣ ба таври дахлдор ҷавобгӯй набуда, ба таҷҳизонидан бо навъҳои нави иҳотакунӣ ва

воситаҳои муҳандисӣ - техникии муосири назорат ва муҳофизат ниёз доранд.

93. Пешгирии паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ ҳамзамон тақвият додани имкониятҳои пешгирикунандаи мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла зиёд намудани воҳидҳои кории сохторҳои тарбиявӣ ва равоншиносон, такмили усулҳои пенитенсиарии пешгирӣ, баланд бардоштани тахассуси касбии кормандон оид ба масъалаҳои пешгирии экстремизм, аз ҷумла омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳоро дар самти кор бо ифротгароён дар маҳбасҳо тақозо менамояд.

## § 10. Пешгирӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ

94. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ низ бар асари муошират аз рӯи хизмат бо унсурҳои экстремистӣ, истифодаи Интернет, омӯзиши адабиёти экстремистӣ ва ё ҷазбкунии бевосита таҳти хатари сироятёбӣ аз ташвиқоти ифротгароӣ қарор доранд.

95. Ба пайдоиши рӯҳияи ифротгароӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ метавонанд муносибати ноодилона аз ҷониби роҳбарон (сардорон), норозигӣ аз хизмат, муносибатҳои ғайриоинномавӣ, мушкилоти манзилӣ ва оилавӣ, ноустувории ахлоқӣ, нокифоягии корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ва ғайра ҳамчун омили мусоидаткунанда баромад кунанд.

96. Дар робита ба ин, зарур аст, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои ба пайдоиши рӯҳияи тундгароӣ дар байни ҳайати шахсӣ мамониаткунанда, гузаронидани чорабиниҳои фардии огоҳонӣ бо кормандони таҳти хавфи бештари сироятёбӣ қарордошта, роҳ надодан ба таъсиррасонии гурӯҳҳои тундгаро ба кормандон ва хизматчиёни ҳарбӣ чораҳои дахлдор андешида шаванд.

## § 11. Такмили чораҳои таъқиб ва ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ

97. Ҷузъи муҳими муқовимат бо экстремизм ва терроризм сари вақт ҷилавгирӣ намудан аз ташвиқоти

экстремистию террористӣ, инчунин ошкор ва мавриди тафтиш қарор додани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ маҳсуб меёбанд.

98. Комёб шудан ба муваффақият дар ин самт аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ намудани тадбирҳои зеринро талаб менамояд:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ ҷиҳати муайян намудани манбаъҳои маҳаллии ташвиқи экстремизм ва терроризм, гурӯҳҳои тундрав, ҷалбкунандагони ҷавонон ба сафҳои ташкилотҳои экстремистию террористӣ, пешгирӣ ва рафъ намудани амалҳои террористӣ;

- роҳандозӣ намудани мониторинги пайвастаи захираҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет ҷиҳати ҷамъоварии иттилоот оид ба шахсон ва гурӯҳҳои ба фаъолияти экстремистию террористӣ дастдошта;

- бунёди механизми самараноки ҳамкориҳои ташкилию амалӣ ва иттилоотӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатие, ки ба экстремизм ва терроризм муқовимат менамоянд;

- хабардор намудани аҳолӣ аз фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ ва чораҳои муқовимат ба онҳо;

- пурзӯр намудани назорати сарҳадӣ, шиносномавӣ ва раводидӣ, инчунин назорат дар тамоми намудҳои нақлиёти хатҳои алоқаи байналмилалӣ ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳаракати унсурҳои ҷиноятӣ;

- ҷустуҷӯӣ роҳҳои беҳтар намудани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат бо экстремизм ва терроризм;

- тафтиши самаранок ва босифати ҷиноятҳои алоқаманд ба экстремизму терроризм, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризми байналмилалӣ.

99. Дар ин росто, такмили пайвастаи қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои экстремизм ва терроризм, аз ҷумла сари вақт ҷиноят эътироф намудани шаклҳои нави зоҳиршавии онҳо, инчунин муқаррар намудани муҷозоти мувофиқ барои содир намудани онҳо зарур мебошад.

## § 12. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм

100. Шарти муҳими ба даст овардани муваффақият дар пешгирии экстремизм ва терроризм дар ин раванд иштирок намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҳар як узви ҷомеа маҳсуб меёбад.

101. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 3 ҳазор ташкилоти ғайридавлатӣ амал намуда, ин ташкилотҳо шарикони баробарҳуқуқи давлат дар муқовимат бо экстремизм ва терроризм мебошанд.

102. Дар пешгирии экстремизм ва тундгароӣ дар ҷомеа инчунин воситаҳои ахбори омма иштироки бевосита доранд.

103. Дар баробари ин, фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар пешгирии экстремизм ва терроризм ҳанӯз ҳам кофӣ ба назар намерасад.

104. Тақвияти минбаъдаи ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар пешгирии экстремизм ва тундгароӣ инҳоро тақозо менамояд:

- ҷалб намудани ниҳодҳои шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба таҳия, қабул ва амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва чорабиниҳо оид ба пешгирии экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда;
- мусоидат ба таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятие, ки фаъолияташон махсус ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва тундгароӣ равона мегардад;
- осон намудани дастрасӣ ба иттилоот, аз ҷумла тавассути таҷдиди назар намудани номгӯи иттилооте, ки ба мафҳуми иттилооти маҳрамона дохил мешаванд;
- баргузор намудани нишастҳои матбуотии даврӣ барои воситаҳои ахбори омма вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм;
- мусоидат ба истифодаи зарфиятҳои ҷамоаҳои маҳаллӣ дар пешгирии барвақтии экстремизм ва тундгароӣ.

105. Иқдоми муҳим дар ин самт инчунин таъмин намудани ҳамкориҳои шаффоф ва зич байни мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар раванди татбиқ ва назорат бурдани иҷрои Стратегияи мазкур маҳсуб меёбад.

## § 13. Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ

106. Муқовимат ба экстремизм ва терроризм муттаҳид намудани кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ташаккули заминаҳои дахлдори ҳуқуқии байналмилалӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои амалиро дар ин самт тақозо менамояд.

107. Бо эътирофи аҳамияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар ин соҳа, Ҷумҳурии Тоҷикистон конвенсияҳои асосии зиддитеррористии байналмилалиро ба тасвиб расонида, дар ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавии фаъолияташон ба муқовимат бо экстремизм ва терроризми байналмилалӣ равонашуда фаъолона иштирок менамояд.

108. Ҳамзамон бо як қатор кишварҳо, аз ҷумла Афғонистон, Хитой, Покистон, Туркия, Ӯзбекистон ва ғайра созишномаҳои дуҷониба оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм баста шуда, дар доираи Созмони хамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо давлатҳои аъзо дар ин самт ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудаанд.

109. Айни ҳол як қатор масъалаҳои ҳалталабе вуҷуд доранд, ки самаранокии ҳамкориҳои байналмилалиро дар ин самт коҳиш медиҳанд.

110. Аз ҷумла, бинобар нав будани масъалаи муқовимат ба экстремизми зӯроварона дар қатъномаи Шӯрои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид «Ҳуқуқи инсон ва пешгириву мубориза бо экстремизми зӯроварона» мафҳумҳои калидӣ дар ин соҳа ҳамаҷониба равшану возеҳ инъикос нашуда, омилҳои сиёсӣ, мафкуравӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мафкуравӣ, ташкилӣ ва дигари пайдоиши он, инчунин нақши ҳалкунандаи давлат дар бартараф намудани онҳо дарҷ карда нашудааст.

111. Амалияи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда ҳанӯз шакл нагирифтааст.

112. Ҳамзамон санади универсалии танзимкунандаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бо Интернет-экстремизм, ки он, аз ҷумла тартиби ягонаи аз шабакаи Интернет хориҷ кардани маводи экстремистиро пешбинӣ намояд, мавҷуд нест.

113. Дар робита ба ин, вазифаҳои мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат бо экстремизм ва терроризм инҳо мебошанд:

- мусоидат ба такмил додани заминаҳои ҳуқуқии байналмилалии муқовимат бо экстремизм ва терроризм;
- васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ-шартномавии ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо, ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар муқовимат бо экстремизм ва терроризм;
- баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ ва таъмини иҷрои воқеии шартномаҳо бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм;
- вусъат додани ташаббусҳо оид ба ҷалб намудани диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ниҳодҳои минтақавӣ ба таъмини сулҳ ва ризоият дар Афғонистон ва мусоидат ба ҷалб намудани ин кишвар ба равандҳои ҳамкориҳои минтақавӣ, аз ҷумла дар соҳаи мубориза бо экстремизм ва терроризм.

## БОБИ 2. АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯ

### § 1. Ҳадафҳои амалишавии Стратегия ва интизорӣ аз натиҷаҳо

114. Ҳадафҳои амалишавии Стратегия ташаккул ва ҷорӣ намудани меъёрҳо ва механизмҳои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм ҷиҳати таъмини рушди босуботи давлат, ҳамдигарфаҳмӣ дар ризоят дар ҷомеа, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат мебошанд.

115. Амалишавии Стратегия имкон медиҳад:

- низоми таъсирбахши механизмҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва мафкуравии пешгирӣ ва мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм ва фарҳанги таҳаммулгароӣ дар ҷомеа ташаккул дода шаванд;
- ба паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ дар қишрҳои гуногуни ҷамъият мамониат карда шавад;
- самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм пурзӯр карда шавад;

- аҳолии Тоҷикистон бар мабнои айнияти шаҳрвандӣ муттаҳид сохта, нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ҳамчун кишвари озод аз тоқатнопазирии динӣ ва нажодӣ, экстремизм ва тундгароӣ баланд бардошта шавад.

## § 2. Механизмҳо ва марҳилаҳои амалишавии Стратегия

116. Механизми амалишавии Стратегия инҳоро дар назар дорад:

- муносибати маҷмӯӣ ба ташаккули низоми чорабиниҳои банақшагирифташуда ва дар ҳамбастагӣ баррасӣ намудани онҳо;
- пайдарпай амалӣ намудани чорабиниҳои пешбинишуда;
- ошкорбаёнӣ ва ҷалби васеи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар амалишавии Стратегия.

117. Стратегия дар давраи аз соли 2016 то соли 2020 дар се марҳила амалӣ карда мешавад.

118. Вазифаҳои марҳилаи аввал (соли 2016) инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои амалишавии Стратегия, ҷалб намудани таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ, ҷамоатчигӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба масъалаи мазкур;
- таҳияи нақша ва лоиҳаҳо оид ба иҷрои бандҳои мушаххаси Нақшаи амалҳо доир ба амалишавии Стратегия, ташаккул додани гурӯҳҳои кории муштарак аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор;
- таҳияи харҷномаҳо (лоиҳаҳо) барои амалишавии чорабиниҳои банақшагирифташуда, ки маблағгузориро аз буҷети давлатӣ ё сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ тақозо менамоянд;
- дарёфти созмонҳои мададрасон ҷиҳати маблағгузории чорабиниҳои банақшагирифташуда.

119. Вазифаҳои марҳилаи дуюм (солҳои 2017-2018) ташкил ва ҷорӣ намудани механизмҳои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда мебошанд.

120. Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2019-2020) фаъолгардонии истифодаи механизмҳои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм, мукаммалгардонии онҳо вобаста ба натиҷаҳои татбиқ таъмин мегардад. Дар охири ин марҳила (соли 2020) натиҷаҳои амалишавии Стратегия ҷамъбаст карда шуда, дар ҳолати зарурӣ ҷиҳати таҳияи санадҳои нави банақшагирии стратегӣ дар ин соҳа таклифҳо манзур карда мешаванд.

## § 3. Таъминоти молиявӣ

121. Амалигардонии Стратегия аз ҳисоби маблағҳои пешбининамудаи буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва маблағҳои ташкилотҳои мададрасон анҷом дода мешавад.

122. Вазорату идораҳо ҳуқуқ доранд чорабиниҳои алоҳидаро мустақилона дар доираи харҷномаи тасдиқшудаашон, аз ҷумла аз ҳисоби сарфаи онҳо маблағгузорӣ намоянд.

123. Аз ҳисоби маблағҳои созмонҳои мададрасони байналмилалӣ маблағгузорӣ намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҳаммаблағгузории чорабиниҳои алоҳидаи Нақшаи амалҳо, ба роҳ мондани таҳия ва татбиқи таҷрибавии барномаҳои таълимӣ ва маводи дарсӣ, гузаронидани семинарҳо, омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳо, ташаккули махзанҳои маълумот ва ғайра дар назар дошта шудааст.

124. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, инчунин Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалб намудани кумаки молиявӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ниҳодҳои молиявӣ, сафоратҳо ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ барои амалигардонии Стратегия тадбирҳо меандешанд.

## § 4. Ташкили иҷрои Стратегия ва назорат ба амалишавии он

125. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ

оид ба иҷрои Стратегия, инчунин назорат ба рафти амалишавии он аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

126. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои марҳилавӣ ва рафти иҷрои Стратегияро дар маҷмӯъ арзёбӣ менамояд, оид ба тартиби иҷрои Стратегия, ворид намудан, хориҷ намудан ва мушаххас намудани бандҳои алоҳидаи он таклифҳо манзур менамояд.

Замимаи 2
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12.11.2016,
№ 776

# НАҚШАИ АМАЛҲО ДОИР БА АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷрокунандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***1.Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон*** | | | | | | |
| 1 | *Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа тавассути боз ҳам бештар ҳамоҳанг намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои* | а) Ба роҳ мондани мубодилаи афкор ва таҷриба бо дигар давлатҳо ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои такмили қонунгузорӣ ва амиқгардонии ислоҳотҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс | 2016 - 2020 | ВКХ, ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, СО, ВҲИ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ | Мубодилаи доимии афкор ва таҷриба ба роҳ монда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *маънавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ* | б) Такмил додани механизми иҷрои тавсияҳои ниҳодҳои СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ аз рӯи ҳисоботҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2016-2020 | ВКХ, ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН | | Пешниҳоди дахлдор ба Ҳукумати ҶТ манзур карда мешавад |
| | | в) Омӯзиши масъалаҳои ҳамроҳшавӣ ва ба тасвиб расонидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва мубориза бо коррупсия, ки аз тарафи Шӯрои ҳуқуқи инсон, дигар ниҳодҳои СММ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ тавсия дода шудааст | 2016-2020 | ВКХ, ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН | | Омӯзиши масъалаҳои ҳамроҳшавӣ ва тасвиби санадҳои ҳуқуқии байналмилалии тавсиядодашуда таъмин карда мешавад |
| 2 | *Мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва* | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ, аз худ намудани малакаи | 2017-2020 | ВА, ВКД, КДАМ, ПГ, АИ, ВФ, КҶВС | Харҷномаи вазорату идораҳо | Сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ беҳтар гашта, аҳолӣ дар бораи моҳияти |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузоштагшуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *маърифати ҳуқуқии аҳолӣ* | рафтори қонунӣ ва огоҳмандии онҳо аз оқибатҳои рафтори зиддиҳуқуқӣ, аз ҷумла:<br>- мунтазам дар байни аҳолӣ гузаронидани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт;<br>- ба самъи аҳолӣ расонидани иттилоот дар бораи фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ ва вазъи мубориза бо экстремизм ва терроризм;<br>- ба чорабиниҳои таблиғотӣ ҷалб намудани қурбониёни терроризм, инчунин шахсоне, ки аз тарафи созмонҳои террористӣ дар низоъҳои мусаллаҳона иштирок карда, бинобар даст | | | | экстремизму терроризм ва оқибатҳои онҳо огоҳии пурра пайдо мекунад |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | кашиданашон аз иштироки минбаъда дар онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд. | | | | |
| 3 | *Тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон* | а) Таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандон дар ҳама мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилот, корхона ва муассисаҳо<br>б) Такмили қонунгузорӣ ва амалияи мубориза бо коррупсия бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи дигар давлатҳо<br>в) Таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани | мунтазам<br>2016-2018<br>Мунтазам | Вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ<br>АНДММК, ПГ, КДАМ, АНМН, ММҚ<br>ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, СО, | Харҷномаи худи ташкилотҳо | Вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҷиддан беҳтар карда мешавад<br>Қонунгузорӣ ва амалия такмил дода мешавад<br>Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон таъмин карда |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва амалигардонии адолати судӣ | | ВҲИ | | мешавад |
| | | г) Такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пурзӯр намудани кафолатҳои мурофиавии риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон | 2016-2017 | ПГ, ВКД, КДАМ, ВА, ММҚ, ВҲИ | | Лоиҳаҳои қонунҳои дахлдор таҳия ва қабул карда мешаванд Кодекси нави ҷиноятӣ қабул карда мешавад |
| | | д) Аз нигоҳи инсондӯстӣ такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва тезонидани қабули Кодекси чиноятии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2016-2017 | Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Кодекси ҷиноятӣ | | |
| | | е) Амалигардонии мубориза бо экстремизм ва терроризм бо риояи меъёрҳои ҳуқуқи гуманитарӣ, қонунгузорӣ | мунтазам | ВКД, КДАМ, ПГ, дигар субъектони мубориза бо | | Чораҳои дахлдор андешида мешаванд |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | оид ба гурезаҳо ва ҳуқуқи инсон | | экстремизм ва терроризм | | |
| ***2. Бартараф намудани омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда*** | | | | | | |
| 4 | *Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ташаккули иқтисодиёти бозоргонии ба иҷтимоиёт нигаронидашуда* | а) Ташаккули иқтисодиёти бозоргонии ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, ки ба болоравии иқтисодиёт, сатҳи некӯаҳволии халқ, ҳимояи иҷтимоӣ, бо кор таъмин будани аҳолӣ ва бартараф кардани шароитҳое, ки ба афзоиши экстремизм ва тундгароии батерроризмбарандаи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мусоидат мекунанд, равона карда шудааст, аз ҷумла:<br>- ташкили ҷойҳои иловагии корӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва | 2016-2017 | ВРИС, ВСТН, ВММША, КДСИАД, ВМ,ХЗИ, ПҲ, АНДММК, ПГ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Амалисозии тадбирҳои пешбинишуда |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҷустуҷӯи бозорҳои нав барои муҳоҷирати меҳнатӣ;<br>- дастгирии соҳибкорӣ, беҳтаргардонии кори мақомоти назоратию санҷишӣ, риояи адолати иҷтимоӣ ва пешгирии коррупсия дар раванди хариди давлатӣ, хусусигардонии молу мулк, андозбандӣ, тақсимоти замин ва дигар захираҳои табиӣ;<br>- паст намудани сатҳи номутобиқатии иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ, ташаккули ангеза барои тарзи ҳаёти солим ва созанда, таъмини имконияти мутобиқшавӣ ва иштироки табақаҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ дар | | | | |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳаёти ҷамъиятӣ, тадқиқоти сабабҳои номутобиқатии иҷтимоӣ. б) Ҷалб намудани таваҷҷуҳи созмонҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳои кишварҳои пешрафта ба зарурати расонидани кумак ба Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз нигоҳи пешгирии тундгароӣ ва экстремизм | 2016-2020 | ВКХ ВРИС,ВМ, ВСТН, КДСИАД | | Ҷалби маблағҳои иловагии созмонҳои байналмилалӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ |
| ***3.Ташаккули андешаи миллӣ ва пурзӯр намудани корҳои мафкуравӣ*** | | | | | | |
| 5 | *Омӯзиши масъалаи зарурати коркарди ғояи умумимиллӣ* | Роҳандозӣ намудани мубоҳисаҳо дар доираҳои илмӣ, аҳли ҷомеа ва воситаҳои ахбори омма вобаста ба унсурҳои асосӣ, расмиёти таҳия, қабул ва роҳҳои татбиқи ғояи умумимиллӣ | 2016-2017 | АИ, МТС, ВФ, КТР, ВМИ, ДМТ | Харҷномаи вазорату идораҳо | Муҳокимаҳои густурда роҳандозӣ карда мешаванд ва аз натиҷаҳо ба Ҳукумати ҶТ пешниҳоди дахлдор манзур карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 6 | *Ташаккули корпуси нерӯманди мафкуравӣ ва коркарди тарзу усулҳои нав ва ба таҳдидҳои мавҷуда муодили кори мафкуравӣ* | а) Баланд бардоштани тайёрии касбии кормандони соҳаи мафкуравӣ вобаста ба масъалаҳои муқовимат бо экстремизм ва терроризм, роҳандозӣ намудани курсҳои бозомӯзӣ доир бо ин масъалаҳо барои кормандони амалии мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимият | 2017 | АХД, ДИД мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ | Курсҳо барои хизматчиёни давлатӣ оид ба масъалаҳои муқовимат бо экстремизм ва терроризм ташкил карда мешаванд |
| | | б) Тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи муқовимати иттилоотӣ бо экстремизм ва терроризм аз ҳисоби донишҷӯёни курсҳои 3-4 факултаҳои гуманитарии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ | 2016 -2020 | ВМИ, АХД, ДИД, ВКД, КДАМ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Мутахассисони дахлдор тайёр карда мешаванд |
| | | в) Таҳияи Роҳнамо оид ба созмонҳои экстремистию террористӣ (номгӯй, | 2017 | КДАМ, ВКД, ПГ, МТС | | Роҳнамо омода ва нашр карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузоштешуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | санаи таъсис, платформаҳои ғоявӣ, хатарнокии назариёт, тарзу усулҳои ҷазбкунӣ, мисолҳои амалҳои террористии содирнамуда ва ғайра) | | | | |
| | | г) Кушодани сомонаи махсус доир ба масъалаҳои пешгирии тундгароӣ ва экстремизм ҷиҳати фарогирии васеи аудиторияи имконпазир ба забонҳои тоҷикӣ ва рӯсӣ | 2017 | КДАМ, ВКД, МТС, КҶВС | | Сомонаи махсус кушода мешавад |
| | | д) Таҳияи Дастури иттилоотии «Ислом муқобили террор» (ғояҳои инсонпарваронаи Қуръон ва Ҳадис, фатвоҳои муассисаҳо ва уламои бонуфузи динӣ оиди бо ҳам тавъам набудани ислом ва | 2017 | КДТАҶММ, АИ, МТС | | Дастури «Ислом муқобили террор» чоп ва тақсим карда мешавад |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | терроризм) | | | | |
| | | е) Гузаронидани семинар-тренингҳо оид ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва терроризм барои ҷавонон, бахусус дар деҳот | 2016-2020 | КҶВС, ККЗО, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | Гузаронидани семинарҳо ба роҳ монда мешавад |
| | | ж) Роҳандозӣ намудани тадқиқотҳои илмӣ оид ба тамоюлҳои тундгароӣ ва экстремизм дар Тоҷикистон | 2016-2020 | АИ, МТС, ВМИ, АХД, ДИД | | Тадқиқотҳои дахлдори илмӣ гузаронида мешаванд |
| | | з) Тақвияти ҳамкориҳои давлат ва ВАО, ташкил намудани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон аз равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир, тамоюлҳои экстремизм ва терроризм, моҳият ва | 2017 | ВФ, КТР, МТС, АИ, КДТАҶММ | | Нақшаи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон аз тамоюлҳои экстремизм ва терроризм коркард ва амалӣ |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мӯҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | оқибатҳои онҳо, тарғиби таҳаммулгарой ва ҳамдигарфаҳмии мазҳабӣ бо ҷалби олимон, сиёсатшиносон ва ходимони дин | | | | карда мешавад |
| | | и) Дар қонунгузорӣ мушаххас намудани уҳдадорӣ ва масъулияти ВАО дар мавриди пахши интишорот оид ба мавзӯъҳои пешгирии экстремизм ва терроризм, инчунин гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ | 2017 | ВФ, ВКД, КДАМ, ПГ, КТР | | Лоиҳаҳои дахлдор таҳия шуда, ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод карда мешаванд |
| | | к) Омӯзиши масъалаи имконпазирии таъсиси Маркази миллии омӯзиши сабабу омилҳо ва роҳҳои пешгирии экстремизм ва терроризм | 2017 | ПГ, КДАМ, ВКД, МТС | | Пешниҳоди дахлдор ба Ҳукумати ҶТ ирсол карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***4. Пешгирии экстремизм ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ*** | | | | | | |
| 7 | *Такмили банақшагирӣ ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин* | Таҳия ва қабул намудани Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин | 2017-2018 | ККДТАҶММ, МТС, АИ, ВФ, ММК, КДАМ | Харҷномаи вазорату идораҳо | Лоиҳаи Консепсияи сиёсати давлатии ҶТ дар соҳаи дин ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод карда мешавад |
| 8 | *Пешгирии барангехтани кинаву адовати динӣ ва таҳаммулнопазирӣ нисбати дигар мазҳабҳо* | а) Роҳ надодан ба тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи мансубияти динӣ, таҳаммулнопазирӣ нисбати дигар мазҳабҳо ва дигар шаклҳои барангехтани адовати динӣ<br>б) Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон, роҳ надодани монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои динӣ ё анҷоми маросимҳои динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон | 2016-2020 | ККДТАҶММ ВФ, КТР, ВА, ММҚ КДАМ, ВКД, ПГ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Харҷномаи вазорату идораҳо | Фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар муҳити динӣ таъмин ва нақши рӯҳониён дар пешгирии тундгароӣ дар ҷомеа баланд бардошта мешавад, кадрҳои баландихтисоси миллӣ дар соҳаи дин тайёр карда мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | накунанд ва ба ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз накунанд<br>в) Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пурра ба Ватан баргардонидани шахсоне, ки дар муассисаҳои ғайрирасмии таълимоти динии хориҷӣ таҳсил мекунанд<br>г) Мусоидат намудан ба мутобиқшавии хатмкунандагони марказҳои динии хориҷӣ ба муҳити динии кишвар<br>д) Дастгирии рӯҳониёни муътадил дар муборизаи онҳо бо равияҳои тундгаро<br>е) Истифодаи зарфиятҳои пешвоёни мазҳабии исломи анъанавӣ дар мубориза бо паҳншавии тундгароӣ дар ҷомеа<br>ж) Андешидани тадбирҳо | | | | |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои миллии динӣ, ки дар як вақт ҳам донишҳои баланди динӣ ва ҳам ҳисси баланди ватандӯстӣ доранд, баланд бардоштани сатҳи донишмандии имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ<br>з) Ҷилавгирӣ аз роҳ ёфтани унсурҳои ифротгаро ба вазифаҳои роҳбарикунандаи иттиҳодияҳои динӣ | | | | |
| 9 | *Баланд бардоштани зарфиятҳо ва шаффофияти фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин,* | а) Тайёр намудани мутахассисон барои кор дар мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин, баланд бардоштани тахассуси кормандони дар ин соҳа фаъолияткунанда | 2016-2020 | ККДТАҶММ, ВМИ, АХД, ДИД, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ | Тайёр намудани мутахассисон ва баланд бардоштани тахассуси кормандони дар ин соҳа фаъолияткунанда ба роҳ монда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *инчунин тайёр намудани кадрҳои боихтисос барои фаъолият кардан дар ин мақомот* | б) Зиёд кардани шумораи кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин дар маҳалҳо, роҳ надодани истифодаи онҳо дар корҳои дигар | 2018-2019 | ВМ, ВРИС ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | Шумораи кормандони ин мақомот дар маҳалҳо зиёд ва истифодаи босамари меҳнати онҳо таъмин карда мешавад |
| | | в) Таъмини шаффофият ва адолат дар фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба ташкили ҳаҷ | 2016-2020 | ККДТАҶММ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | Кам кардани шикоятҳо оид ба масъалаҳои ташкили ҳаҷ) |
| | | г) Муқаррар намудани стандартҳои ҳатмии таҳсилот барои муассисаҳои таълимии динӣ | 2018-2020 | ВМИ, ККДТАҶММ, АХД | | Стандартҳои ҳатмӣ муқаррар карда мешаванд |
| ***5. Огоҳонӣ аз экстремизм ва тундгароии батаррористбаранда дар байни ноболиғон ва ҷавонон*** | | | | | | |
| 10 | *Пурзӯр кардани* | а) Ба барномаҳои | 2016-2020 | ВМИ, КҶВС, ВФ | Дар доираи маблағҳои | Фанҳо, |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *зарфиятҳои соҳаи маориф оид ба огоҳонидан аз мафкураи тундгароӣ ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи таҳаммулгароӣ* | таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фанҳое коркард ва ворид карда шаванд, ки мактаббачагонро дар рӯҳияи эҳтиром ба инсон ҳамчун шахсият, новобаста аз мансубияти миллӣ ё мазҳабии ӯ тарбия намуда, шароит фароҳам оваранд, ки кӯдакон тавонанд ба селоби иттилооти манфӣ вокуниши дуруст нишон дода, аз таъсири он худро ҳифз намоянд.<br>б) Барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳия ва ҷорӣ намудани курси иловагии лексияҳо оид ба хавфи кори мафкуравии созмонҳои тундраву | | | пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ | барномаҳои таълимӣ ва модулҳо коркард ва ворид карда мешаванд, нашр ва паҳн намудани плакатҳо, баннерҳо, тақвимҳо, брошюраҳо ва ғайраҳо ба роҳ монда мешавад |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ифротгаро ва тарзу усулҳои аз ҷониби онҳо ҷазб намудани ҷавонон ба иштирок дар низоъҳои мусаллаҳона.<br>в) Нашр ва паҳн намудани плакатҳо, баннерҳо, тақвимҳо, брошюраҳо, варақаҳо ва дигар маводи тақсимотии хусусияти маърифатию зиддиэкстремистӣ дошта дар байни аҳолӣ, бахусус дар муассисаҳои таълимӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъшавии ноболиғон ва ҷавонон.<br>г) Баланд бардоштани сатҳи донишҳои омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ доир ба масъалаҳои | | | | |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | пешгирии экстремизм ва терроризм, барои онҳо таҳия намудани модулҳои дарсии «Моҳият ва хусусияти терроризм, муқовимат бо мафкураи терроризм дар муассисаҳои таълимӣ», «Самтҳои асосии фаъолият оид ба пешгирии терроризм ва экстремизм дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.<br>д) Ворид кардани фанни «Асосҳои дин» дар мактабҳои олӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.<br>е) Роҳандозӣ намудани соати алоҳидаи дарсӣ дар доираи фанни таърих ё дигар фанҳои ҷамъиятӣ | | | | |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мӯҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ» барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | | | | |
| 11 | *Баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти миёнаи умумӣ* | Баррасии имконияти такмил додани стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати ба ҷавонписарон ва духтарон таъмин намудани имконияти ба даст овардани донишҳои ба талаботи муосир ҷавобгӯе, ки дарки равандҳои сиёсӣ, механизмҳои пайдоиши низоъҳои ҷамъиятӣ ва мазҳабӣ, моҳияти шиору ғояҳои аз ҷониби нерӯҳои мухталиф ироашавандаро таъмин намоянд. | 2020 | ВМИ, АИ, ВРИС | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Имконияти такмили стандартҳо омӯхта шуда, ба Ҳукумати ҶТ таклиф пешниҳод карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 12 | *Боз ҳам баландтар бардоштани сатҳи шаффофият ва беғаразии раванди омодасозӣ ва баргузор намудани имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ* | а) Пурзӯр намудани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ оид ба хусусиятҳои низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ, аз ҷумла тарзу усули интихоби дурусти кластерҳо ва муассисаҳои таълимӣ, таъмини шаффофияти бештари ҷараён ва арзёбии боз ҳам беғаразонаи натиҷаҳои имтиҳонҳо; | 2016-2020 | ММТ, ВМИ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ | Шаффофияти ҷараёни омодасозӣ ва баргузории имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ баланд бардошта мешавад |
| | | б) Муайян намудани тартиби пешниҳод ва баррасӣ намудани шикоятҳо вобаста ба натиҷаи имтиҳонҳо ва тақсимоти баъдиимтиҳонии довталаб ба муассисаи таълимии мушаххас, | 2017 | | | Тартиби пешниҳод ва баррасӣ намудани шикоятҳо ба қарор ва амалҳои дахлдор муайян карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | инчунин механизми шикоят овардан ба қарорҳои Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин хусус;<br>в) Бо мақсади ҷалби бештари ҷавонон ба таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ амалӣ намудани тақсимоти такрории довталабон ба ҷойҳое, ки бо сабабҳои гуногун дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ баъд аз тақсимоти асосӣ холӣ мемонанд. | ҳар сол | | | Тақсимоти такрорӣ гузаронида мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 13 | *Баланд бардоштани нақши худи ҷавонон ва созмонҳои чавонон дар огоҳонии экстремизм ва тундгароӣ дар байни ҳамсолони худ* | а) Дар Марказҳои ҷавонони шаҳру ноҳияҳо роҳандозӣ намудани чорабиниҳои густурдаи огоҳонӣ дар байни ҷавонон | 2016-2020 | КҶВС, ВМИ, ВКД, КДАМ,ПГ, СО | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Нақши ҷавонон ва созмонҳои чавонон дар огоҳонӣ аз экстремизм пурзӯр карда мешавад |
| | | б) Зиёд кардани гурӯҳҳои пешсаф (авангард) аз ҳисоби ҷавонон, хусусан донишҷӯён ҷиҳати муқовимат бо паҳнкунии ғояҳои ифротгароӣ дар байни ҷавонон тавассути шабакаи Интернет | 2016-2020 | КҶВС, ВМИ, ВКД, КДАМ,ПГ, СО | | |
| | | в) Баланд бардоштани сатҳи дониши аъзои гурӯҳҳои ҷавонон оид ба методҳои фаъолияти профилактикӣ дар муқовимат бо экстремизм ва тундгароӣ, ташкили | 2016-2020 | КҶВС, ВМИ, ВКД, КДАМ,ПГ, СО | | |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | семинарҳо, лексияҳо, бозиҳои корӣ, мизи мудаввар, презентатсияҳо, вохӯриҳо бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | | | | |
| 14 | *Паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон, коркард ва қабули Барномаи нави миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018* | а) Мусоидат ба ташаккули малакаи соҳибкории ҷавонон тавассути таъсиси низоми бизнес-инкубаторҳои ҷамъиятӣ ва мусоидат намудан ба онҳо дар дарёфти воситаҳои пулӣ ҷиҳати маблағгузории фаъолияти ибтидоии онҳо<br>б) Дастгирии соҳибкории ҷавонон, мусоидат ба осон намудани дастрасии сохторҳои соҳибкории ҷавонон ба қарзҳои имтиёзнок ва ипотекавӣ, маблағгузорӣ намудани | 2016- 2018 | КҶВС, ВРИС, ВМ, ВМИ, ВММША, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Тадбирҳои мазкур ба Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 ворид ва чораҳои кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон амалӣ карда шуда истодааст |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | барномаҳо оид ба додани грантҳо ва қарзҳо ба ҷавонон<br>в) Мусоидат намудан дар омодагии касбии ҷавонон ва таҷрибаомӯзии онҳо бо роҳи аз тарафи тамоми ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ пешниҳод намудани барномаи таҷрибаомӯзӣ барои мутахассисони ҷавон, ки муассисаҳои таълимиро хатм карда истодаанд, аз ҷумла ташкили захираи ҷавонон, ки бо кор таъмин карда мешаванд | | | | |
| 15 | *Фароҳам овардани шароитҳо барои фароғат ва вақтгузаронии* | Идома додани чорабиниҳо оид ба инкишофи инфрасохторҳои маҳаллӣ, бунёди иншоотҳои варзишӣ, клубу | 2016- 2020 | КҶВС, ВРИС, ВМ, ВМИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои | Шароитҳо барои фароғати ҷавонон беҳтар карда мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *фарҳангии ҷавонон* | китобхонаҳо, марказҳои маърифатӣ, аз ҷумла бо ҷалб кардани соҳибкории хусусӣ, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани иншооти варзишӣ ва фарҳангии сохташуда | | ҳокимияти давлатӣ | маҳаллӣ, кумаки ихтиёрии сохторҳои хусусӣ | |
| ***6. Ҷанбаҳои гендерӣ*** | | | | | | |
| 16 | *Баланд бардоштани фаъолнокӣ ва нақши занон дар ҳаёти ҷомеа* | а) Гузаронидани тадқиқот оид ба иҷрои қонунгузорӣ ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини баробарии гендерӣ<br><br>б) Баланд бардоштани нақши оила дар таъмини субот, ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдат ва ҳамдилӣ дар ҷомеа, пешгирии ҷалби ҷавонон ба созмонҳо ва гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ | 2017<br><br>2016-2020 | ККЗО, КҶВС, ВКД, ПГ<br><br>КҶВС, ВКД, ПГ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ | Тадқиқот гузаронида шуда, ба Ҳукумати ҶТ таклифҳо манзур мешаванд<br><br>Чорабиниҳои дахлдор гузаронида мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | в) Татбиқи чораҳои мушаххас оид ба ҷалб намудани духтарон ба таҳсил ва пешгирии ҳолатҳои аз раванди таҳсил хориҷ намудани онҳо | 2016-2020 | ВМИ, ККЗО, КҶВС | | Чораҳои дахлдор андешида мешаванд |
| 17 | *Баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ, динӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии занон ва пешгирии ҷалбкунии онҳо ба фаъолияти экстремистӣ* | а) Якҷоя бо ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронидани чорабиниҳо оид ба омӯзонидани таърихи фарҳанг, дин ва сиёсат ҷиҳати кумак ба дарки нодурустии назарияҳои экстремистӣ ва фарқ намудани таълимоти аслии ислом аз тафсирҳои тундгароёнаи он ба занон | 2016-2020 | ККЗО, КҶВС, ВМИ, ВФ, АИ, ККДТАҶММ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Чорабиниҳои дахлдор гузаронида мешаванд |
| | | б) Гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани донишҳои ҷавонзанон ва духтарони ноболиғ доир | 2016-2020 | ККЗО, КҶВС, ВМИ, ВКД | | Чорабиниҳои маърифатӣ гузаронида мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ба чораҳои худмуҳофизаткунӣ, эҳтиёткорӣ дар муошират бо атрофиён, вокуниш ба таҳоҷуми экстремистӣ, инчунин тарзу усулҳои ҷазбкунии занон аз ҷониби созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ<br>в) Муайян намудани «гурӯҳҳои хавф», аз ҷумла аъзои оилаи шахсони ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ дастдошта, занони осебпазир ва бесаробон, бо хешовандон мушкилидошта ва бо онҳо гузаронидани чорабиниҳои огоҳонӣ ҷиҳати роҳ надодан ба ҷазбкунии онҳо аз ҷониби хешовандони наздик ва унсурҳои ифротгаро | 2016-2020 | ВКД, ККЗО, КҶВС, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | «Гурӯҳҳои хавф» дар маҳалҳо муайян карда шуда, бо онҳо чораҳои огоҳонӣ гузаронида мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузоштащуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 18 | *Таъмини иштироки васеи занон дар пешгирии тундгароӣ, экстремизм ва терроризм* | а) Баланд бардоштани нақши шӯроҳои занон ва занон-фаъолони ҷамоаҳо, бахусус дар деҳот дар огоҳонӣ аз тундгароӣ ва экстремизм дар байни занон | 2016-2020 | ККЗО, КҶВС, ВКД | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Нақши шӯроҳои занон ва занони фаъол дар корҳои огоҳонӣ баланд бардошта мешаванд |
| | | б) Зиёд намудани шумораи занон дар ҳама зинаҳо ва мансабҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар мубориза бо терроризм иштирок мекунанд, таъмин намудани мувозинати гендерӣ дар ҳайати гурӯҳҳои тарғиботие, ки бевосита бо аҳолӣ кор мекунанд | 2016-2020 | ВКД, КДАМ, ПГ, ККЗО, КҶВС | | Шумораи занон дар воҳидҳои дахлдор зиёд карда, мувозинати гендерӣ дар гурӯҳҳои таблиғотӣ таъмин карда мешаванд |
| | | в) Таҳияи Роҳнамо (дастур) барои кормандони милитсия ва мутахассисоне, ки ба масъалаҳои рушди | 2016-2020 | ВКД, КДАМ, ПГ, ККЗО, КҶВС | | Роҳнамоҳои дахлдор таҳия карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамкориҳо бо занон дар чаҳорчӯби огоҳонӣ аз тундгароӣ ва экстремизм сарукор доранд | | | | |
| ***7. Муқовимат ба истифодабарии Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ*** | | | | | | |
| 19 | *Муқовимат ба истифодабарии Интернет бо мақсадҳои таблиғи экстремизм ва терроризм, ҷазбкунии аҳолӣ ба иштирок дар созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ* | а) Омузиши таҷрибаи кишварҳои пешқадам оид ба ворид кардани системаҳои автоматкунонанидашудаи пайгирии сомонаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳое, ки маводи хусусияти экстремистидоштаро паҳн мекунанд | 2016-2020 | ХА, КДАМ, ВКД | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Таҷрибаи кишварҳои дигар омӯхта шуда, пешниҳодҳо ба Ҳукумати ҶТ манзур карда мешаванд |
| | | б) Омӯзиши имкониятҳои омода намудани кадрҳои боихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилотӣ, ки ба бурдани муборизаи босамара бо Интернет-экстремизм қодир мебошанд | 2016-2020 | ВМИ, ХА, ВМ, АХД, КДАМ, ВКД, ПГ | | Оид ба имкониятҳои тайёр намудани мутахассисон, аз ҷумла бо роҳи баланд бардоштани тахассуси кормандон дар |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | в) Ба роҳ мондани ҳамкории зич байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ (провайдерони хизматрасонии Интернет) бо мақсади ҳалли масъалаҳои истифодабарии Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ | 2016-2020 | ХА, КДАМ,ВКД, ПГ, АНДММК, АНМН дар ҳамкорӣ бо провайдерони хизматрасонии Интернет | | хориҷа пешниҳодҳо омода карда мешаванд<br><br>Шартномаҳои дахлдор оид ба муайян кардан ва нигоҳ доштани маълумоти зарурӣ баста ва амалӣ мешаванд |
| 20 | *Такмил додани қонунгузорӣ оид муқовимат ба истифодабарии Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ* | Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани тартиб ва расмиёти экстремистӣ ва террористӣ эътироф намудани сомонаҳо ва дигар маводи Интернетӣ | 2016-2018 | ВКД, КДАМ, ПГ, ВА, АНДММК, АНМН, СО, ХА | Харҷномаи вазорату идораҳо | Лоиҳаҳои санадҳои дахлдор таҳия ва ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод карда мешаванд |
| 21 | *Амалӣ намудани* | а) Мунтазам дар шабакаи Интернет нашр намудани | 2016-2020 | КДАМ, ВКД, ПГ, | Дар доираи маблағҳои | Нашри мунтазами иттилооти |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ оид ба истифода бурдани имкониятҳои Интернет ҷиҳати ба роҳ мондани ташвиқоти густурдаи зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористӣ* | иттилооти дорои маводи тарбиявӣ-маърифатпарварӣ ҷиҳати ботил намудани тарғиботи экстремистӣ, фош намудани бепоягӣ ва зиёновари ақидаҳои экстремистӣ, фаҳмонидани оқибатҳои мусбати ҳуқуқии қатъ намудани иштирок дар фаъолияти ин гуна созмонҳо ва ғайра | | ХА, МТС, ВФ, КҶВС ва дигар вазоратҳо ва сохторҳо | пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ | дахлдор дар Интернет аз тарафи ҳар як иҷрокунанда ба роҳ монда мешавад |
| | | б) Таъмини иштироки фаъоли олимон, коршиносон ва намояндагони ҷамоатчигӣ дар интернет-форумҳо ва муҳовараҳои мустақими видеороликҳо, аксҳо ва дигар тавлидоти созмонҳои экстремистӣ бо мақсади фош ва маҳкум намудани | 2016-2020 | АИ, МТС, ККТАҶММ, КҶВС, ККЗО, КДАМ, ВКД, ПГ | | Иштироки фаъол ва маҳкумкунии маводи экстремистӣ дар интернет-форумҳо ва муҳовараҳои мустақими интернетӣ ба роҳ монда мешавад |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳадафҳои муаллифони он, роҳандозӣ намудани мубоҳисаҳои конструктивӣ ҷиҳати аз роҳашон баргардонидани тарафдорони имконпазири экстремистон ва террористон | | | | |
| | | ***8. Кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ*** | | | | |
| 22 | *Андешидани чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати паст намудани хавфи тундгароии муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалбкунии онҳо ба сафи созмонҳои экстремисти* | а) Пурзӯр намудани зарфиятҳои ташкилӣ ва кадрии муассисаҳои консулии ВКХ ҶТ ва намояндагиҳои хадамоти муҳоҷирати ВММША ҶТ дар Федератсияи Россия оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ташкили пешгирии экстремизм ва муқовимат ба ҷалб намудани муҳоҷирони | 2016-2020 | ВМ, ВКХ, ВММША | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ | Зарфиятҳои ташкилӣ ва кадрии муассисаҳои консулӣ ва намояндагиҳои хадамоти муҳоҷират пурзӯр карда мешаванд |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *ю террористӣ дар ҳудуди кишварҳои будубоши онҳо* | меҳнатӣ ба сафи созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ | | | | |
| | | б) Тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти муҳоҷирати кишварҳои будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва пешгирии ҷазбкунии онҳо аз тарафи гурӯҳҳои экстремистӣ | 2016-2020 | ВММША, ВКХ, ВКД, ПГ, КДАМ | | Муҳокимаи доимии вазъи ҳамкориҳо бо Хадамоти муҳоҷират ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ФР ба роҳ монда мешаванд |
| | | в) Истифодаи имкониятҳои созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқҳимоякунанда дар хориҷа, диаспораҳои тоҷикон, марказҳои фарҳангӣ, инчунин ҷамъиятҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои муҳоҷирон, | 2016-2020 | ВММША, ВКХ, ВКД, КДАМ | | Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқҳимоякунанда, диаспораҳои тоҷикон ва ҷамъиятҳои муҳоҷи-рони меҳнатӣ ба роҳ монда мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | инчун огоҳонӣ аз экстремизм дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ | | | | |
| | | г) Ташкили сафари имомхатибон, мақомоти кор бо ҷавонон ва намояндагони ҷамъиятҳои падару модарон ба Федератсияи Россия барои вохӯрӣ бо муҳоҷирони меҳнатӣ | 2017-2020 | ККДТАҶМ М, ВММША, КҶВС, ККЗО, ВКХ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | Сафарҳои дахлдор ташкил карда мешаванд |
| | | д) Бастани шартномаҳо бо давлатҳои будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар бораи беҳтар намудани шароитҳои будубош, содда намудани тартиби бақайдгирӣ, гирифтани иҷозатнома барои кор, риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ | 2016-2020 | ВКХ, ВММША | | Созишномаҳои дахлдор баста мешаванд |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ва дигар ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ | | | | |
| | | е) Ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ, фаҳмондадиҳӣ ва огоҳонӣ дар зинаи омодагии томуҳоҷиратии шаҳрвандон, барои онҳо таҳия намудани ёддоштҳо дар бораи усулҳои фаъолияти таблиғотӣ ва ҷазбкунии ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ дар хориҷи кишвар | 2016-2020 | ВММША, ВКД, КДАМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | Чорабиниҳои дахлдор ташкил карда мешаванд, ёддоштҳо барои муҳоҷирон таҳия ва паҳн карда мешаванд |
| | | ж) Мусоидат ба нигоҳ доштани робитаи доимӣ байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва падару модарони онҳо ҷиҳати аз ҷониби онҳо пешгирӣ намудани пайдошавии рӯҳияи экстремистӣ дар замири аъзои оилаи дар муҳоҷирати меҳнатӣ будаи онҳо | 2016-2020 | ВММША, КҶВС, ККЗО, ВКД,КДАМ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, худидоракунии шаҳраку деҳот | | Робитаҳо байни падару модарон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногуни ФР ва дигар давлатҳои будубоши муҳоҷирон ба роҳ монда мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ***9. Пешгирии паҳншудани ақидаҳои экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ*** | | | | |
| 23 | *Баланд бардоштани самаранокии пешгирии паҳн шудани ақидаҳои экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ ва такмил додани усулҳои огоҳонии пенитенсиарӣ аз экстремизм ва терроризм* | а) Роҳ надодан ба якҷояшавии экстремистони динӣ бо унсурҳои ҷиноӣ, пешгирӣ намудани паҳншавии равияҳои исломи ғайрианъанавӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ, роҳ надодан ба паҳншавии ақидаҳо ва адабиёти экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ, такмил додани усулҳои огоҳонии пенитенсиарӣ аз экстремизм ва терроризм | 2016-2020 | СРИҶҶ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Имконияти паҳншавии мафкураи экстремистӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ маҳдуд карда мешаванд |
| | | б) Таҳияи барномаи солимгардонии маҳбусоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ё иштирок дар задухӯрдҳои | 2016-2020 | СРИҶҶ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНМН, АНДММК | | Барномаи дахлдор таҳия карда шуда, амалӣ карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | мусаллаҳона дар ҳудуди давлатҳои хориҷа маҳкум шудаанд | | | | |
| | | в) Зиёд намудани воҳидҳои кории кормандони сохторҳои тарбиявӣ, инчунин равоншиносони муассисаҳои ислоҳӣ ҷиҳати роҳандозӣ намудани корҳои тарбиявӣ ва равонӣ доир ба зудудани ақидаҳои зиддиҷамъиятӣ дар замири маҳкумшудагон | 2017 -2018 | ВМ, СРИҶҶ | | Воҳидҳои кории кормандони сохторҳои тарбиявӣ ва равоншиносони муассисаҳои ислоҳӣ зиёд карда мешаванд |
| | | г) Истифода намудани зарфияти олимони диншинос ва имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ дар корҳои огоҳонӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ | 2016-2020 | СРИҶҶ, ККДТАҶММ | | Олимони диншинос ва имомхатибон ба корҳои огоҳонӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷалб мешаванд |
| | | д) Ба кор дар истеҳсолот машғул намудани | 2016-2020 | СРИҶҶ, мақомоти | | Маҳкумшудагон асосан бо кор |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузоштошуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | маҳкумшудагон ҷиҳати мусоидат ба паст намудани рӯҳияи тундгароӣ | | иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | таъмин мешаванд |
| 24 | *Баланд бардоштани зарфиятҳои муассисаҳои ислоҳӣ дар огоҳонӣ аз экстремизм* | а) Гузаронидани семинар-тренингҳо бо кормандони муассисаҳои ислоҳӣ оид ба масъалаҳои огоҳонии экстремизм, аз ҷумла омузиши таҷрибаи дигар давлатҳо оид ба кор бо экстремистон дар ҳабсхона | 2016-2020 | ВА, СРИҶҶ, ПГ, КДАМ, ВКД, АИ, МТС бо ҷалби созмонҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Семинар-тренингҳо бо кормандони муассисаҳои ислоҳӣ гузаронида мешаванд, таҷрибаи дигар давлатҳо омӯхта мешавад |
| | | б) Бунёд намудани шаклҳои нави муассисаҳои ислоҳии навъи камеравӣ | 2016-2020 | ВА, ВМ бо ҷалби созмонҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ | | Бунёди муассисаҳои ислоҳии навъи камеравӣ оғоз карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | в) Омӯзиши имконияти дар сохтори СРИҶҶ Вазорати адлия таъсис додани воҳиди алоҳидаи махсусгардонидашуда оид ба пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ дар байни маҳкумшудагон ва пешбурди корҳои маърифатӣ бо ифротгароён | 2016-2018 | ВА, СРИҶҶ, ВМ | | Воҳиди махсусгардонидашуда дар сохтори СРИҶҶ Вазорати адлия таъсис дода мешавад |
| 25 | *Таъмини заминаҳои қонунӣ-ҳуқуқии шароитҳо барои пурзӯр намудани зарфиятҳои муассисаҳои ислоҳӣ дар огоҳонии экстремизм* | а) Ба қонунгузории фаъолияти низоми ҷиноятӣ-ислоҳиро танзимкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани меъёрҳое, ки операторони алоқа ва соҳибони шабакаҳоро вазифадор мекунад:<br>- ба мақомоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | 2016- 2017 | ВА, СРИҶҶ, ХА | Харҷномаи вазорату идораҳо | Лоиҳаи қонуни дахлдор таҳия ва ба Ҳукумати ҶТ ирсол карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳангоми дар ҳудуди онҳо насб намудани таҷҳизоти махсуси техникии қатъкунандаи радиомавҷҳо, ё ошкор ва қатъкунандаи истифодаи худсаронаи таҷҳизоти абонентӣ мусоидат намоянд;<br>- шабакаҳои алоқаи худро ҷиҳати вокуниши саривақтӣ ва чораҷӯӣ барои паст кардани сатҳи паҳншавии радиомавҷҳо дар ҳудуди муассисаҳои ислоҳӣ мутобиқ намоянд.<br>б) Дастрас ва таҷҳизонидани воситаҳои мавҷмаҳвкунандаи радиогӣ, таҷҳизоти замонавии муайянкунанда ва рентгенӣ дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои | 2018-2020 | СРИҶҶ, ВА, ВМ, ХА | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Таҷҳизотҳои зарурӣ дастрас ва насб карда мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҷиноятӣ;<br>в) Ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова намудани моддае, ки махсус ба масъалаҳои кумаки психологӣ ба маҳкумшудагон бахшида шудааст | 2016- 2017 | ВА, ММҚ, ВТҲИА | | Лоиҳаи дахлдор таҳия ва ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод карда мешавад |
| ***10. Огоҳонӣ аз экстремизм ва тундгароӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ*** | | | | | | |
| 26 | *Банақшагирӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳои огоҳонӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ* | Ташаккули низомҳои идоравии огоҳонии ҳуқуқвайронкуниҳо ва пайдошавии рӯҳияи экстремистӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ ҷиҳати:<br>- пурзӯр намудани корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ва огоҳонӣ дар байни ҳайати шахсӣ; | 2016-2020 | ВКД,КДАМ, АНДММК, АНМН, СРИҶҶ, ХГ, КҲФМГ, ВМД, ГМ, ПГ | Харҷномаи вазорату идораҳо | Низоми идоравии огоҳонӣ ташаккул дода шуда, чорабиниҳои огоҳонӣ дар байни кормандон ва хизматчиёни ҳарбӣ роҳандозӣ карда мешавад |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | - такмили фаъолияти хадамоти амнияти дохилӣ ва зиддиразведкавӣ оид ба огоҳонии паҳншавии рӯҳияи экстремистӣ дар байни ҳайати шахсӣ;<br>- роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ, таъмини қонуният ва адолат ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо;<br>- ба таври даврӣ гузаронидани санҷишҳои тестии устувории равонии кормандон (хизматчиёни ҳарбӣ);<br>- огоҳонии инфиродӣ ва назорат аз болои вазъи равонии кормандон ва хизматчиёни ҳарбӣ;<br>- роҳ надодан ба таъсиррасонии унсурҳои ифротгаро ба кормандон | | | | |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ва хизматчиён;<br>- муайян намудан ва аз кор озод намудани кормандоне (хизматчиёне), ки рӯҳияи экстремистӣ доранд | | | | |
| ***11. Такмили чораҳои таъқиб ва ҷавобгарӣ барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ*** | | | | | | |
| 27 | *Пурзӯр намудани тадбирҳо оид ба ошкор ва пешгирӣ намудани амалҳои экстремистию террористӣ ва баланд бардоштани сифати тафтиши ҷиноятҳои ба он алоқаманд* | Такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо экстремизм ва терроризм тавассути:<br>- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ ҷиҳати муайян намудани манбаъҳои маҳаллии ташвиқи экстремизм ва терроризм, гуруҳҳои тундрав, ҷалбкунандагони ҷавонон ба сафҳои ташкилотҳои экстремистию террористӣ, пешгирӣ ва | 2016-2020 | ВКД,КДАМ, АНДММК, АНМН, ПГ, СРИҶҶ, ХГ, КҲФМГ, ВМД, ГМ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ такмил дода, тадбирҳои зикршуда амалӣ гардонида мешаванд |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | рафъ намудани амалҳои террористӣ;<br>- роҳандозӣ намудани мониторинги пайвастаи захираҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет ҷиҳати ҷамъоварии иттилоот оид ба шахсон ва гуруҳҳои ба фаъолияти экстремистию террористӣ дастдошта;<br>- бунёди механизми самараноки ҳамкориҳои ташкилию амалӣ ва иттилоотӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатие, ки ба экстремизм ва терроризм муқовимат менамоянд;<br>- пурзӯр намудани назорати сарҳадӣ, шиносномавӣ ва | | | | |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | раводидӣ, инчунин назорат дар тамоми намудҳои нақлиёти хатҳои алоқаи байналмилалӣ ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳаракати унсурҳои ҷиноӣ;<br>- ҷустуҷуи роҳҳои беҳтар намудани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат бо экстремизм ва терроризм;<br>- тафтиши самаранок ва босифати ҷиноятҳои алоқаманд ба экстремизму терроризм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризми | | | | |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | байналмилалӣ. | | | | |
| 28 | *Такмили қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарӣ барои экстремизм ва терроризм* | Ба роҳ мондани омӯзиши пайвастаи қонунгузорӣ ва амалияи мубориза бо экстремизм ва терроризм ҷиҳати сари вақт муайян намудан, ҷиноят эътироф намудан ва муқаррар намудани ҷавобгарии мувофиқ барои шаклҳои нави зоҳиршавии чунин амалҳо | 2016-2020 | ПГ, ВКД,КДАМ, АНДММК, АНМН | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Тағйиру иловаҳои зарурӣ ба қонунгузорӣ ворид карда мешаванд |
| | ***12. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм*** | | | | | |
| 29 | *Баланд бардоштани фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ, такмили механизмҳои ҳамкории давлат ва ҷомеаи* | а) Ҷалб намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар таҳия, қабул ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва чорабиниҳо оид ба пешгирии экстремизм ва тундгароии батерроризмбаранда | 2016-2020 | ВКД, КДАМ, ПГ, ВА | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ | Иштироки ҷомеаи шаҳрандӣ ва бахши хусусӣ таъмин карда мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *шаҳрвандӣ* | б) Мусоидат намудан ба таъсиси ташкилотҳои ғайридавлатие, ки махсус ба масъалаҳои пешгирии экстремизм ва тундгароӣ машғул мешаванд | 2016-2020 | ВА, КҶВС, МТС, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ оид ба огоҳонии экстремизм таъсис дода шуда, фаъолият мекунанд |
| | | в) Осон намудани дастрасӣ ба иттилоот, аз ҷумла тавассути тағйир додани доираи иттилооте, ки ба мафҳуми иттилооти махфӣ (конфиденсиалӣ) дохил мешаванд | 2016-2018 | ВА, ВКД, КДАМ, ПГ | | Лоиҳаи қонунҳои дахлдор таҳия мешаванд |
| | | г) Гузаронидани нишастҳои матбуотии даврӣ бо доираи васеи рӯзноманигорон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар | 2016-2020 | ВКД, КДАМ, ПГ, КҶВС, ККЗО, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти | | Мунтазам нишастҳои матбуотӣ гузаронида мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Муҳлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо экстремизми зӯроварона ва тундгароии батерроризмбаранда | | давлатӣ | | |
| | | д) Мусоидат ба татбиқи зарфиятҳои ҷамоаҳои маҳаллӣ дар пешгирии экстремизм ва тундгароӣ дар марҳилаҳои барвақтӣ | 2016-2020 | ВКД, КДАМ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | Нақши ҷамоаҳои маҳаллӣ дар огоҳонӣ аз экстремизм баланд бардошта мешаванд |
| ***13. Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ*** | | | | | | |
| 30 | *Мусоидат ба такмил додани заминаҳои ҳуқуқии байналмилалии муқовимат бо экстремизм ва терроризм* | Пешбарӣ намудани андеша ва пешниҳодҳо дар созмонҳои байналмилалӣ вобаста ба:<br><br>- такмили заминаҳои ҳуқуқӣ- байналмилалии пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва терроризм;<br>- коркарди ҳуҷҷати универсалӣ, ки | 2016-2020 | ВКХ, ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, ВМд | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ | Пешниҳодҳои дахлдор ба созмонҳои байналмилалӣ манзур карда мешаванд |

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавиро дар соҳаи муқовимат ба истифодаи Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ танзим менамояд | | | | |
| 31 | *Ривоҷ додани ҳамкориҳои минтақавӣ дар мубориза бо экстремизм ва терроризм* | а) Васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ-шартномавии ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо, ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар муқовимат бо экстремизм ва терроризм | 2016-2020 | ВКХ, КДАМ, ВКД, ПГ, АНДММК, АНМН, ВМд | Харҷномаи вазорату идораҳо | Шартномаҳои нав, инчунин бо иштироки ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баста мешаванд |
| | | б) Баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ ва таъмини иҷрои воқеии шартномаҳо бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза | 2016-2020 | ВКХ, КДАМ, ВКД, ПГ, АНДММК, АНМН, ВМд | | Самаранокии иҷрои шартномаҳои амалкунанда байни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ пурзӯр карда |

| р/т | Номгӯӣ чорабиниҳо | Мақсади гузошташуда (натиҷаҳои интизорраванда) | Мухлати иҷро | Иҷроку-нандагон | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Меъёри иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | бар зидди экстремизм ва терроризм | | | | мешаванд |
| 32 | *Мусоидат ба ҳар чи зудтар ба эътидол овардани вазъият дар Афғонистон* | а) Вусъат додани ташаббусҳо оид ба ҷалб намудани диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ниҳодҳои минтақавӣ аз ҷумла Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ба таъмини сулҳ ва ризоият дар Афғонистон<br>б) Мусоидат ба ҷалб намудани Афғонистон ба равандҳои ҳамкориҳои минтақавӣ, аз ҷумла дар соҳаи мубориза бо экстремизм ва терроризм. | 2016-2020<br><br>2016-2020 | ВКХ, ВКД, КДАМ, ПГ | Дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети ҷумҳуриявӣ | Ба ҳал намудани низои дохилӣ ва ба даст овардани сулҳу ризоият дар Афғонистон мусоидат карда мешавад |

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО:

АИ - Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
АНДММК - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
АНМН - Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АХД - Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВҲИ - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВРИС - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМ- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМд - Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВММША - Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВСТН - Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКД - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВФ - Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВТҲИА - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКХ - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВА- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМИ - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
ГМ - Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ДИД - Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ДМТ- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
КДАМ - Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
КДСИАД - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККДТАҶММ - Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККЗО - Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КТР - Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КҲФМГ - Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КҶВС - Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММҚ - Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММТ - Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МТС - Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ПГ - Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ПҲ - Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон
СО - Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХЗИ - Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХА - Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХГ - Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
СРИҶҶ - Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон